UNDP
Тоҷикистон

# ҲАМКОРӢ

№1, 2009

ЗАМИМАИ МАХСУСИ ҲАФТАВОРИ «ASIA-PLUS»

# Оби тоза ба аҳолии деҳот

**Вазъи таъмини оби нӯшокӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ ташвишовар аст. Баҳри муайян ва бартараф сохтани норасоиҳои ҷойдошта, БРСММ ва Ҳукумати ҶТ тадбирҳои муштарак меандешанд. Роҷеъ ба ин масъала Анатолий Холматов, мушовири миллии Барномаи Рушди СММ оид ба таъмини аҳолии деҳот бо оби тозаи нӯшокӣ чунин ибрози назар кард:**



- Тоҷикистон барандаи равандҳои обии ҷаҳонӣ буда, ду ташаббуси он дар мавриди "Соли байналмиллалии оби тоза" (с. 2003) ва 10-солаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" (солҳои 2005-2015) аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Барои татбиқи ин ташаббусҳо Тоҷикистон саҳмгузор аст. Аз ҷумла, соли 2006-ум Ҳукумати ҶТ "Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020"-ро қабул кардааст. Арзиши умумии ин барнома зиёда аз 3,3 миллиард сомонӣ буда, 15%-и он аз буҷаи ҷумҳуриявӣ, 10% аз ҳисоби ҳукуматҳои маҳаллӣ ва 5% аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ бояд пардохта шавад. Барои 70%-и боқимонда сармоягузориҳои гуногун ҷалб карда мешавад.

Бояд гуфт, ки аз сабаби ҷой доштани як қатор мушкилот, иҷрои ин барнома дар соли аввал начандон хуб роҳандозӣ гардид. Дар робита, байни Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ ва Барномаи Рушди СММ моҳи ноябри соли 2008 як тавофуқнома ба имзо расид, ки дар асоси он мушкилоти ҷойдошта муайян гардида, тавсияву пешниҳодот оид ба рафъи камбудиҳо таҳия карда мешаванд.

Барои расидан ба ин ҳадаф айни замон лоиҳаи "Рушди ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, сармоядорон ва ташкилотҳо ҷиҳати боло бурдани масъулият, устуворӣ ва самарабахшии таъмини оби нӯшокӣ дар деҳот" амалӣ карда мешавад. Тарҳи мазкур аз ҷониби Барномаи Рушди СММ дар ҳамдастӣ бо Агентии Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ ва Рушд тӯли як сол амалӣ гардида, то моҳи ноябри соли 2009 ҷараён мегирад. Нахуст, мо дар моҳҳои ноябр ва декабри соли 2008-ум бо иштироки намояндагони 21 ноҳия дар минтақаи Кӯлоб ва шаҳри Хуҷанд вохӯрию машваратҳо гузаронидем. Зимнан се самти асосии норасоиҳо муайян карда шуданд, ки масоили меъёрию ҳуқуқӣ, ташкилию техникӣ ва молиявию иқтисодиро фаро мегиранд.

Баъд аз омӯзиши вазъият мо ҳисоботе омода кардем, ки бештар фаъолияти сатҳи поёниро дар бар мегирад. Муҳокимаи ин ҳуҷҷат дар сатҳи вазорату идораҳое, ки ба масоили таъмини оби нӯшокӣ сарукор доранд, моҳи марти соли равон сурат мепазирад. Сипас хулоса карда мешавад, ки ҳар яке аз мушкилоти ҷойдоштаро бояд кадом сохтор дар сатҳи боло ё поён ҳал кунад.

Дар марҳилаи дуюм мо як қатор вохӯриҳо дар минтақаи Рашт, водии Зарафшон ва навоҳии тобеи марказ мегузаронем. Ҳарчанд ноҳияҳои атрофи Душанбе ба пойтахт наздиканд, аммо бо оби нӯшокӣ ба пуррагӣ таъмин нестанд.

Ба ҷуз ин, бо масъулини вазорату идораҳои дахлдоре, ки нисбат ба оби ошомиданӣ, яъне банақшагирӣ, маблағгузорӣ, нархгузорӣ, меъёр, шароити вогирию беҳдоштӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғ. сарукор доранд, машварат намуда, дархосту пешниҳодоти онҳоро ҷамъ меорем.

Дар марҳилаи сеюм дар якҷоягӣ бо роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ машварат мегузаронем. Мақсади лоиҳа ба даст овардани якдигарфаҳмӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти миёни вазорату идораҳои дахлдор, ҷамоатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалӣ, инчунин аҳолӣ мебошад, ки ин барои ҳалли масъалаи таъмини мардуми деҳот бо оби нӯшиданӣ мусоидат мекунад.

**- Лоиҳаи шумо асосан нақши машваратӣ дорад, ё ҷанбаи амалиро низ пешбинӣ кардааст**?

- Дар ҷараёни лоиҳа бояд корҳои фикриро ба ҷо орем. Яъне камбудиҳоро фаҳмем, мушкилоте, ки садди роҳанд, ҳуҷҷатҳое, ки намерасанд, амалҳое, ки бояд анҷом дода шаванд, он сохторе, ки барои пеш бурдани кор лозим аст, ҳамаи ин масъалаҳоро мо бояд хуб дарку таҳлил кунем.

Сипас дар асоси баррасию хулосаҳо ба мақомоти дахлдори Тоҷикистон, созмонҳои маблағгузор ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли норасоиҳо дар таъмини оби нӯшокии аҳолии деҳот тавсияҳо пешниҳод месозем. Вақте ки ҳамааш кушоду равшан бошад ва созмонҳои маблағгузор вазъиятро дуруст дарк кунанд, бовар дорам, ки дар марҳилаҳои баъдӣ лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншооти обтаъминкунӣ зиёд мешаванд.



Созмонҳои маблағгузори байналмилалӣ ду талаби асосӣ доранд: иншооти таъминкунандаи оби нӯшиданӣ ба таври устувор кор кунанд ва ҳар як давлату минтақа саҳмгузор бошад. Тоҷикистон саҳмгузор аст, аммо як қатор масъалаҳо бояд дар ҳамдастӣ ҳал карда шаванд.



**- Аз таҳлилҳо оид ба вазъи обтаъминкунӣ дар ҶТ ба чӣ хулоса омадед ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро дар чӣ мебинед**?

- Ҳарчанд вазъи иқтисодии Тоҷикистон вазнин бошад ҳам, аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва роҳбарони ноҳияҳо фаҳмишу дастгирӣ нисбат ба ин соҳа вуҷуд дорад. Агар Кодекси оби ҶТ ва дигар санадҳои дахлдорро аз назар гузаронем, ба масъалаи таъмини оби нӯшиданӣ афзалият дода шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 8 Кодекси оби ҶТ, ки ба "Масъалаҳои танзим ва дастгирии давлатӣ дар соҳаи муносибатҳо оиди об" бахшида шудааст, имтиёзҳо ҷиҳати додани дотатсия, субвенсия, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои буҷетӣ ва гумрукӣ пешбинӣ гардидааст. Лекин барои амалӣ шудани онҳо дар ҳар як ноҳия ва умуман, ҷумҳурӣ бояд барномаҳои дастгирии давлатӣ таҳия ва қабул гарданд. Дар ин ҳолат маблағгузории иловагӣ аз ҳисоби сабук кардани андоз, боҷи гумрукӣ ва ғ. пайдо мешавад. Вале чӣ гуна таҳия кардани ин барномаҳоро дар бисёр ҷойҳо мардум намедонанд.

Аз ин рӯ, вазифаи лоиҳаи мо дар ҳамдастӣ бо Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ ба мардум фаҳмонидани камбудиҳои ҷойдошта мебошад. Мо бояд муайян созем, ки чӣ гуна қонуну дастурамал ва меъёрҳо барои пешбарии ин соҳа намерасанд. Сипас онҳо бояд таҳияву қабул гарданд, то дар оянда мардум аз рӯйи онҳо кор баранд.

Мушкили дигар он аст, айни замон дар ҶТ марказҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои об каманд. Барои рушди соҳа шумораи онҳоро зиёд кардан лозим аст, то дар омодасозии мутахассисони лаёқатманд мусоидат намоянд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ иншооти таъмини оби нӯшокӣ, ки дар ихтиёри колхозу совхозҳо буданд, бесоҳиб монданд. Дар шароити кунунӣ баҳисобгирии онҳо бояд гузаронида шавад, соҳибонашон муайян гардад ва истифодаашон дубора ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат сармоягузорони хориҷӣ барои бунёди иншооти нав ва барқарор кардани иншооти мавҷуда бештар саҳмгузор мешаванд.

**- Дар минтақаҳо мардум барои нӯшидан аз кадом манобеи об истифода мекунанд**?

- Дар Тоҷикистон қисми зиёди об (беш аз 90%) барои обёрии заминҳо истифода мешавад. Дар баробари ин, ҳамагӣ 52,3%-и аҳолии Тоҷикистон аз оби тозаи нӯшиданӣ баҳраваранд. Боқимондаи мардум аз оби ҷӯйбору каналҳое менӯшанд, ки барои обёрӣ истифода мешаванд, ё аз дарёву сарчашмаҳое, ки ба ягон меъёри беҳдоштӣ ҷавобгӯ нестанд.

Дар як қатор минтақаҳо аз хатҳои оби нӯшиданӣ истифода мекунанд, ки дар ин самт раёсати оби деҳот ва чароgoҳҳои Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҶТ фаъолият мебарад. Вале на дар ҳама ҷо ин гуна шароит ҳаст. Дар минтақаҳои кӯҳистон одамон маҷбуранд, ки аз ҷӯйбор, чашмаю дарёҳои хурд ва ҷоҳҳо барои нӯшидан ва пеш бурдани рӯзгор истифода баранд.

Ҳамзамон дар ноҳияҳои Қумсангир, Ҷиликӯл, Вахш, Бохтар, Ҷалолиддини Румӣ, Носири Хусрав, Қубодиён, Шаҳритус, Хуросон, Конибодом ва ғ. сарчашмаи оби нӯшиданӣ, мутаассифона, оби борон, канал ва ё поёноби пахтазор аст.

Бинобар ин, таъмини оби тозаи нӯшокӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд бо риояи меъёрҳои муқарраршудаи техникию санитарӣ ба роҳ монда шавад.

**- Меъёрҳои оби тозаи нӯшокӣ чӣ гунаанд**?

Оби тозаи нӯшокӣ бояд таҳшин гардад ва барои безарар кардани он миқдори лозимии хлору дигар маводи зарурӣ рехта шавад. Он бояд намаки зиёд ва бактерияҳо надошта бошад. Умуман, ҳам сарчашмаи об, ҳам хатҳои интиқолкунандаи он бояд аз ангезандаи бемориҳо ва ифлосиҳо эмин бошад.

Бояд гуфт, ки дар тамоми ҷаҳон тақрибан 40%-и бемориҳои сироятӣ ба воситаи об паҳн мешаванд. Баъзан калонсолон ва хусусан, фарзандони онҳо аз беаҳамиятию нофаҳмӣ оби сарчашмаҳои гуногунро ноҷӯшонида, истеъмол мекунанд ва гирифтори бемориҳои гузаранда мешаванд. Беҳуда нест, ки СММ ва Ҳукумати ҶТ ба ҳалли ин масъала афзалияти аввалиндараҷа медиҳанд.

**- Барои беҳтар гардониданд вазъи обтаъминкунӣ дар деҳот чӣ тавсияҳо доред**?

- Агар муқоиса кунем, дар олам 2,5 миллиард одам ба оби тозаи нӯшиданӣ дастрасии дуруст надоранд ва барои дарёфти он чандин километр роҳро пиёдаву савора тай мекунанд. Шукрона, ки Тоҷикистон дорои сарчашмаҳои зиёди об аст, вале мардум барои дуруст истифода бурдани он бояд аз ҷониби роҳбарони сатҳи гуногун сафарбар карда шаванд. Масалан, дар маҳалҳо роҳбарони ҷамоату хоҷагиҳо ин сарчашмаҳоро бояд ба кор андозанд.

Дар баъзе деҳот мардум омодагии худро ҷиҳати саҳмгузорӣ изҳор медоранд: бо меҳнат, ашёву таҷҳизот, ё ҳатто маблағ, лекин ягон нафар бояд роҳбарӣ кунаду онро ба шакли лоиҳа даровардa, корро шурӯъ намояд. Мо барои иштирок ва дастгирӣ омодаем!

**Маълумотнома**: Дар ҳудуди Тоҷикистон 55,4%-и тамоми обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад. Ҳамзамон наздик ба 42%-и обҳои зеризаминии минтақаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон аст. Дар маҷмӯъ, ҶТ дорои 64 километри мукааб оби дарёҳо, 18,7 километри мукааб оби зеризаминӣ, зиёда аз 40 километри мукааб оби кӯлҳо мебошад, ки 20 километри мукааби он оби ошомидании ширин аст. Дар ҶТ ба ҳар як нафар зиёда аз 10200 метри мукааб захираи об дар як сол рост меояд.

**Сафо САФАРОВ**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

# Сафарномаи Гулобод

**Дар мавсими тирамоҳу зимистон аз норасоии нерӯи барқ беш аз ҳама аҳолии деҳот азият мекашанд. Баҳри ислоҳи вазъ дар як қатор ҷамоатҳои кишвар бо мусоидати Барномаи Рушди СММ нерӯгоҳҳои обию барқии (НОБ) хурд бунёд гардиданд. Ба кор андохтани чунин нерӯгоҳҳо то куҷо мушкили сокинони рустоҳоро осон мекунад? Барои дарёфти посух мо аз ҷамоати деҳоти Бозорбой Бурунови шаҳри Ваҳдат боздид кардем.**



НОБ-и хурди «Нурофар»

## Аввалсухан

Дар як рӯзи офтобии охири моҳи феврал, ки ҳаво аз омад-омади баҳор дарак медод, аз ҳудуди пойтахт берун шуда, ба самти шарқ роҳ пеш гирифтем. Шукргузор аз он, ки зимистони имсол чандон сард наомад ва норасоии барқ тоқатшикан набуд. Ҳамзамон баҳри мо дидани он ҷолиб буд, ки дар "Гулобод" ном деҳаи кишвар чӣ сон тавонистанд, НОБ-и хурди "Нурофар" ба кор андозанд ва норасоии барқро бартараф созанд.

## Дар идораи ҷамоат

"Гулобод" яке аз 15 деҳаи шомили ҷамоати Бозорбой Бурунови шаҳри Ваҳдат аст. Зимни дидору гуфтугӯ раиси ҷамоат Аноргул Воҳидова чунин изҳор дошт:

- Боиси хурсандист, ки дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди СММ мо тавонистем, дар моҳи июли соли 2008 НОБ-и хурди "Нурофар"-ро дар деҳаи "Гулобод" ба кор андозем. Ба шарофати ин дар ҳудуди ҷамоат 84 оила шабонарӯз бо барқ таъмин гардиданд.

Раиси ҷамоат аз мисолҳои дигари ҳамкорӣ бо БРСММ низ ёдовар шуд. Бо дастгирии ин созмон обанбори ҷамоат таъмиру таҷдид гардид, ки дар натиҷа зиёда аз 10 ҳазор одам бо оби нӯшокӣ таъмин карда шуданд. Ҳамчунин бо ташаббуси БРСММ созмони ҷамъиятии "Маркази дастгирии ҷамоат" ташкил гардид, ки дар масоили обёрӣ, сохтани нерӯгоҳ ва ғ. бо ҷамоат ҳамкорӣ мекунад. А.Воҳидова афзуд, ки бо мусоидати ин созмони байналмилалӣ Корхонаи хурди қарздиҳии "Орифӣ" таъсис гардида, он айни замон бо фоизҳои кам ба деҳқонону дигар корафтодагони ҷамоат ва минтақаҳои атроф аз 100 то 500 доллар қарз медиҳад.

Дар посух ба суоли мо, ки сокинони деҳаи "Гулобод" маблағи истифодаи барқу обро ба кӣ мепардозанд, раиси ҷамоат гуфт:

- Мардум маблағро ба ҶДММ "Жилкомсервис" мепардозанд, ки бо ҷамоат дар асоси шартнома ҳамкорӣ мекунад. Ба қавли А.Воҳидова, ҳоло 6 деҳаи ҷамоат бо об таъмин буда, ба 4 деҳаи дигар гузаронидани оби тозаи нӯшокӣ дар назар аст ва даромади "Жилкомсервис" аз ҷумла барои харидану васл кардани қубурҳо истифода хоҳад шуд.

## Шиносоӣ бо кори НОБ

Вақте ба нерӯгоҳ омадем, сардори кулли ҶДММ "Жилкомсервис" Аминҷон Умаров ба мо қисматҳои иншоот ва таҷҳизоти насбшударо намоиш дод. НОБ-и хурди "Нурофар" дар болои канали обёрии Узун қомат афрохта, тамоми дастгоҳҳояш бо компютер идора мешавад.

Рӯйи лавҳаи шиносномаи нерӯгоҳ, ки дар девори дохили он овехта шудааст, аз ҷумла, навиштаи зайлро мехонем:

- Иқтидори истеҳсолии чархаи якум - 100 кВт;

- Истеҳсоли нерӯи барқ дар 1 сол - 650 000 кВт·соат/сол;

- Мӯҳлати пурраи кори чарха - 40 сол.

Ба қавли дастандаркорон, таҷҳизоти нерӯгоҳ дар корхонаҳои шаҳри Санкт-Петербург сохта шуда, сипас мутахассисони русиягӣ онро дар НОБ-и хурди "Нурофар" насб кардаанд.

Садои баланди чархаву генератор имкони идомаи сӯҳбатро намедиҳад ва мо ба нияти дидани ҳавзи обрез, аз бинои нерӯгоҳ берун шуда, аз шафати он бо зинаҳои сангфарш боло баромадем. Оби канал, ки бараш 5-6 метр аст, ба чархаи нерӯгоҳ тавассути яке аз ду қубури калони вурудгоҳаш панҷарапӯш фурӯ мерезад. Бақияи ҷараён аз обрави канорӣ поин шуда, барои тавлиди барқ истифода намегардад. Ба гуфтаи А.Умаров, бо насби таҷҳизоти зарурӣ, ҳаҷми боқимондаи обро низ метавон ба қубури дуввум равона кард:

- Умедворем, бо дастгирии БРСММ имкони ба кор даровардани боз як генератор ва чархаи нав дар нерӯгоҳ фароҳам меояд, ки ин иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳро зиёд мекунад.



Дастгоҳҳои таъмини оби тозаи нӯшокӣ

## Арзиши хизматрасонӣ

Аз ҷониби ҶДММ "Жилкомсервис", ки масъулияти корфармоӣ ва нигоҳубину таъмири нерӯгоҳро ба зимма дорад, нархи фурӯши нерӯи барқ ба аҳолии деҳа 7 дирам барои 1 кВт/соат пешбинӣ шудааст. Бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин кардани сокинони "Гулобод" низ бар дӯши ҳамин ташкилот аст. Дар робита, А.Умаров мегӯяд:

- Азбаски ҳисобкунакҳои об дар хонаҳои мардум нест, нархи обро 1 сомонӣ барои як одам кардем. Ҳамзамон 10 оилаи маъюбону нафақахӯрон ва занони бесаробон аз пардохт озод карда шуданд, як қисми дигари мардум 50%-и маблағро месупоранд. Пули ҷамъоваришуда барои васеъ кардани фаъолияти ташкилот, ки худмаблағгузор аст, истифода мешавад. Мо 15 коргар дорем, ки дар нерӯгоҳ ва обанбор кор мекунанд. Агар ба ин мутахассисон 400-500 сомонӣ маош надиҳем, кор нахоҳанд кард.

## Барқу об ва сиҳатии мардум

Аз ҳисоби нерӯгоҳи деҳа ахиран беморхонаи минтақавии №2-и ҷамоати деҳоти Бозорбой Бурунов низ бо барқ таъмин гардид. Дар робита Абдуғаффор Маллаев, сардухтури ин дармонгоҳ мегӯяд:

- Аз 25-уми феврал ба беморхонаи мо шабонарӯзӣ 10 киловатт барқ дода истодаанд. Лекин мувофиқи меъёр 20 киловатт пешбинӣ шудаасту бояд хатҳои бақувват гузаронем. Барқро асосан барои равшан ва қисман гарм кардани ҳуҷраҳо, таҷҳизоти духтури дандон ва нигоҳ доштани ваксинаҳо дар яхдон истифода мекунем. Айни замон аз ҷиҳати таъмини об ҳам ягон танқисӣ надорем.

Дар посух ба суоли мо, ки набудани оби тозаи нӯшокӣ дар солҳои қабл оё сабаби густариши ягон навъ амрози гузаранда мешуд ё на, А.Маллаев чунин гуфт:

- Солҳои пеш аз сабаби нӯшидани оби ифлос теъдоди умумии гирифторони бемориҳои сироятӣ дар ҳудуди ҷамоати Бозорбой Бурунов нисбатан зиёд буд. Масалан, дар соли 2005-ум 62 кас, дар соли 2006-ум 28 нафар ва дар соли 2007-ум 42 сокини ҷамоат мубталои касалиҳои гуногун, ба мисли домана, зарпарвин, исҳоли хунин ва бемориҳои шадиди рӯдаҳо гардиданд. Ин касалиҳо бештар дар моҳҳои май то сентябр авҷ мегирифтанд, чунки ҳаво гарм, одамон оби ноҷӯшонидаро аз каналу ҷӯйборҳо истеъмол мекарданд, писарбачаҳо дар обҳои ифлос оббозӣ карда, аз он менӯшиданд.

- Баъд аз таъмири обанбори ҷамоат ва беҳтар шудани таъмини оби тозаи нӯшокӣ, дар соли 2008-ум ҳамагӣ 6 бемор ба қайд гирифта шудааст, - бо қаноатмандӣ изҳор дошт сардухтури беморхона.

## "Ҳамсоя дорад, ман ҳам дорам"

Ба як қатор манзилҳои истиқоматии деҳаи "Гулобод" ворид гардида, бовар ҳосил кардем, ки бо равшанӣ таъминанд. Сокинон аз доштани барқ хушҳол буданд.

Аз Ҷамшед Нӯъмонов, ҷавонмарди 35-сола пурсон шудам, ки вазъи таъмини нерӯи барқ қаблан чӣ гуна буд ва ҳоло чӣ хел аст?

- То ба кор даромадани ГЭС-и деҳа баъзан бегоҳ 3 соат барқ медоданд, баъзан намедоданд. Як сол пеш, тӯли 2 моҳи зимистон тамоман барқ надода буданд. Ҳоло дар давоми 24 соат рӯшанӣ ҳаст. Мо метавонем телевизор дида, ҳар рӯз аз воқеаҳои дунё бохабар шавем. Кӯдакҳо дарсҳояшонро дар рӯшанӣ тайёр мекунанд. Ба мактаб ҳам бо либоси шустаю дарзмол кардагӣ, тозаю хушрӯ мераванд.

Ҳамсӯҳбатам мегӯяд, ки хонаводааш барои истифодаи барқу об имтиёз дорад:

- Аз сабаби он ки дар соли гузашта 5 фарзандам ва ҳамсарам касали домана шуданд ва барои табобати онҳо чанд моҳ харҷамон зиёд буд, аз мо фақат 50%-и маблағи барқ, яъне 25 сомонӣ дар 1 моҳ мегиранд. Мо айни ҳол якҷоя бо падару модар ва дигар хешовандонамон дар як ҳавлӣ 16 нафар зиндагӣ мекунем. Мушкилоти хонаводаамонро ба назар гирифта, моро аз пардохти ҳаққи об пурра озод кардаанд.

Ба қавли Ҷ.Нӯъмонов, вазъи таъмини оби нӯшокӣ ҳам дар деҳа алъон беҳтар гардидааст:

- Солҳои пеш аз каналу ҷӯйборҳо об гирифта, таҳшин мекардем ва ҷӯшонида, истифода мебурдем. Вақте ки барқ набуд, оби тоза набуд, дигар чӣ кор мекардем? Лекин ҳозир таъмини об хуб аст. Ҳар рӯз нисфирӯзӣ ва бегоҳ як-ду соатӣ оби тоза медиҳанд ва мардум дар ин вақт обро захира мекунанд.

Дар поёни гуфтугӯ мусоҳибам чунин изҳори умед кард:

- Як масали тоҷикӣ ҳаст, ки "Ҳамсоя дорад, ман ҳам дорам". Баъзан дӯстонам аз "Меҳнатобод" ва дигар деҳаҳои атроф омада, телевизор ва диск тамошо мекунанд, телефонашонро пур мекунанд. Вақте ки мо деҳаҳои гирду атрофро торик мебинем, бисёр зиқ мешавем, барои он ки онҳо ҳам тоҷиканд, бародарони моянд. Ҳамин қадар орзу дорем, ки барқ дар ҳама ҷо гузаронида шавад ва дар ҳама хонаи тоҷик рӯшноӣ бошад.

## Зарурати таъсиси корхонаҳои хурд

Нерӯи барқе, ки НОБ-и хурди "Нурофар" тавлид мекунад, дар мавсими тирамоҳу зимистон барои эҳтиёҷоти сокинони маҳаллӣ зарур аст. Аммо дар мавсими гармо тамоми ҷумҳурӣ аз ҳисоби НОБ-и "Норак" ва дигар нерӯгоҳҳои бузурги кишвар бо барқ таъмин карда мешавад. Тӯли ин муддат иқтидори тавлидии нерӯгоҳҳои хурд, аз ҷумла, "Нурофар"-ро метавон барои таъмини барқи корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва фаъолиятҳои тиҷоратӣ истифода кард. Вале дар мавриди нерӯгоҳи деҳаи "Гулобод" ин масъала ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст, ҳарчанд оид ба зарурати роҳандозии чунин истеҳсолот ҷонибҳо ҳамфикранд.

**Аноргул Воҳидова, раиси ҷамоат**: - Дар назди НОБ-и хурди "Нурофар" ният дорем, корхонаҳои хурди истеҳсолӣ бунёд кунем, то аз ҳисоби барқи нерӯгоҳ даромаднокӣ беҳтар гардад.

**Аминҷон Умаров, сардори кулли ҶДММ "Жилкомсервис"**: - Ба мо агар 2-3 сотих замин диҳанд, дар назди нерӯгоҳ якчанд корхонаи хурд месозем. Ҳукумати маҳаллӣ ваъда дод, ки замин ҷудо мекунад, вале 2 моҳ гузашту ин масъала ҳал нашуда истодааст. Агар замин диҳанду корхонаҳоро созем, боз метавонем 50 нафарро бо кор таъмин кунем. Ба талаботи халқ нигоҳ карда, корхонаҳои нонпазӣ, таъмири чархҳои мошин, кафшергарӣ, дӯзандагӣ ва истеҳсоли дигар ашёи зарурӣ сохтанием. Ба маблағи 60 ҳазор доллар таҷҳизоти олмонӣ дорем, мутахассис дорем, лекин ҷой даркор. Боз ният дорем, як генератори 75 киловатта гузошта, барои ин корхонаҳои хурд сарчашмаи алоҳидаи барқ ташкил кунем, то аз ҳисоби мардум сарф нашавад.

**Рустам Файзиев, сармуҳандиси Барномаи Рушди Ҷомеаи БРСММ**: - Дар оғози таҷдиди нерӯгоҳ ба он 3 калиди барқӣ насб гардида, зимнан имкони кашидани хатҳои барқ дар 3 самт пешбинӣ шудааст: барои аҳолии деҳаи Гулобод ва муассисоти иҷтимоӣ (беморхона, мактаб, обанбор ва ғ.), барои эҳтиёҷоти худи нерӯгоҳ, инчунин баҳри роҳандозии фаъолиятҳои тиҷоратӣ. Айни замон 2 самти аввал фаъоланд, аммо иқтидори нерӯгоҳ барои таъмини барқи корхонаҳои хурди истеҳсолӣ тамоман истифода намешавад. Ҳол он ки чунин корхонаҳо метавонанд сарчашмаи даромад ҷиҳати таъмини устувории фаъолияти НОБ-и хурди "Нурофар" бошанд. Нерӯгоҳ бояд тамоми сол кор кунад ва барқи истеҳсолкардаи он истифодабаранда дошта бошад.

**Ҷамшед Нӯъмонов, сокини деҳаи "Гулобод"**: - Мегӯянд, ки ба қарибӣ дар назди ГЭС корхона мекушоянд. Агар ҳамин хел корхонаҳо бошанд, хуб мешавад, чунки мо ғарибӣ нарафта, азоби ғарибӣ накашида, дар ватани худамон кор кунем. Ҳам ватан обод мешавад, ҳам зиндагии мо.

## Охирсухан

Баъд аз ин ҳама дидаву шунидаҳо, мунтазири тасмиму кӯшишҳои нави сохторҳои давлатию ҷамъиятию байналмилалӣ ва сокинони маҳаллӣ хоҳем буд, то мушкили таъмини нерӯи барқу оби тозаи нӯшокӣ дар деҳоти кишвар бартараф гардад. Ва низ дар назди НОБ-ҳои хурди навбунёд имкони ифтитоҳи корхонаҳои хурди истеҳсолӣ фароҳам шавад, то мардуми маҳаллӣ барои худ ҷойҳои нави корӣ пайдо созанд.

Яъне ба умеди расидани он давроне ҳастем, ки Меҳнатобод ва дигар деҳоти кишварамон аз ранҷи бебарқию беобӣ ва бекорӣ раҳо ёбанду Гулобод шаванд.

**Сафо САФАРОВ**

**БО МУСОИДАТИ БРСММ ДАР ТОҶИКИСТОН ОМОДА ГАРДИД**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com